*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 61 (4801) | ЧОРШАНБЕ, 15 МАЙИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон





## КОНСТИТУТСИЯ ВА ПАЁМ

### ДУ САНАДЕ, КИ ҲАМДИГАРРО ТАҲКИМ МЕБАХШАНД

**Паёми ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдоди муҳими сиёсии мамлакат маҳсуб меёбад, зеро татбиқи сариватии нуктаҳои ин ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсоз замина фароҳам меорад, ки пешрафти соҳаҳо таъмин гардида, рӯзгори мардум боз ҳам беҳбудӣ ёбад.**

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барҳақ зикр намуданд: «Мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар пешоҳанги татбиқи ҳадафҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, мебояд ҷиҳати таҳкиму устувории пояҳои ҳуқуқии ҷомеаи ҳуқуқбунёду адолатпарвар ва барои амалисозии вазифаҳои нави муайяннамудаи Роҳбари давлат вобаста ба рушду тараққиёти минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оварад».

Илова бар ин, муҳтарам Рустами Эмомалӣ таъкид карданд: «Ҳар як узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёмро ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва роҳнамои кору сармашқи фаъолияти хеш қарор дода, дар иҷрои босамари дастуру нишондодҳои дар он зикргардида саҳмгузор бошанд».

Қобили зикр аст, ки ироа гардидани Паёми Роҳбари давлат ба парламент хоси давлатҳои мустақилест, ки моҳият ва самтҳои сиёсатгузории худро худашон мустақилона муайян мекунанд. Ин ҷанбаи хеле муҳим маҳсуб шуда, далели раднопазири давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона будани кишвари мо ва шаҳодати ҷомаи амал пӯшидани ормонҳои таърихии гузаштагонамон дар бораи соҳибдавлатӣ ва истиқлолият аст. Бо иштироки намояндагони тамоми қишрҳои ҷомеа баргузор гардидани маросими ироаи Паём ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат аз лиҳози сиёсӣ бениҳоят муҳим буда, ба он шукӯҳу шаҳомати хоса бахшидааст.

Дар раванди ибрози андешаҳои марбут ба ин ҳуҷҷати муҳим бояд моҳияти байналмилалии Паём низ мадди назар бошад. Таъкид менамоем, ки нақши Пешвои миллат баҳри муайяннамоӣ ва расидан ба ҳадафҳо, коркарду пешбурди усулҳои самаровар ва барои ҷомеаи ҷаҳонӣ қобили қабул дар сиёсати хориҷии мамлакат меҳвар ва муассир аст.

Муҳим он аст, ки тавсеа ва тақвияти сиёсати хориҷии кишвари мо ба тахайюли коршиносону ба истилоҳ назарияпардозон рабте надошта, маҳсули фаъолияти пурмаҳсул, иродаи қавӣ ва рӯҳияи шикастнопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешавад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати навбатӣ таъин намудани Бобозода Умед**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Бобозода Умед Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати навбатӣ таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 14 майи соли 2024, № 830**

## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Убайдуллоҳ Амирҷон Маҳмадсаид бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 14 майи соли 2024, № АП-565**

## ФОРУМИ ЗАНОНИ ОСИЁ БАРГУЗОР ГАРДИД

**13-уми майи соли ҷорӣ дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон Форуми занони Осиё дар мавзуи «Равиши минтақавӣ дар масъалаҳои тавсеаи ҳуқуқ ва имконоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии занон» баргузор гардид, ки дар он муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ иштирок ва суханронӣ кард.**



Мавсума Муинӣ иброз намуд, ки дар солҳои истиқлолият дар самти аз байн бурдани қолабҳо ва таъмини сиёсати самарабахши гендерӣ, ки самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати мо мебошад, корҳои бузург анҷом дода шуданд. Дар ин замина, дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа» аз 3 декабри соли 1999 ба вазифаи яке аз муовинони роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва муассисаю идораҳои дигар занон таъин карда мешаванд. Дар Тоҷикистон мубориза бо ҳолатҳои таҳқиру зӯроварӣ нисбати занон, бисёрзанӣ ва маҳдуд кардани ҳуқуқи занону духтарон пурзӯр шудааст.

Таъкид гардид, ки имрӯз занони Тоҷикистон дар зинаҳои мухталифи тамоми соҳаҳои ҳаёт ва дар мақомоти олии қонунгузор, ҳокимияти судӣ ва иҷроия, инчунин, сохторҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фаъол буда, дар рушди соҳаҳои дигари ҷомеа саҳми арзанда доранд.

Аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла дар вазифаҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро занон ташкил медиҳанд. Зиёда аз нисфи кормандони соҳаҳои тиб, илм, маориф ва хизматрасонии ахборот занон мебошанд.

Шумораи умумии занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ - 71, фарҳанг - 47, бонкдорӣ - 39, алоқа 25 фоиз, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоизро ташкил медиҳад.

Ин омор гувоҳӣ медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо ва барномаҳоеро қабул кардааст, ки ҳадафи асосии онҳо фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагӣ ва фаъолияти занон, таъмини иштироки ҳамаҷонибаи онҳо дар ҳалли мушкилоти ҳаётӣ ва устувории онҳо мебошад.

Дар чорабинӣ, ҳамчунин, афзоиши нақши занон дар палатаҳои болоӣ ва поёнии парлумонҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, маҷлисҳои маҳаллӣ ва мақомоти иҷроия таъкид шуд.

- Итминон дорам, ки форуми имрӯза ба табодули таҷрибаи пешқадам мусоидат мекунад ва бо муттаҳид кардани саъю кӯшиши ҳамаи ҷонибҳо метавонем роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷударо муайян кунем, - гуфт дар интиҳо Мавсума Муинӣ.



## МУҲОКИМАИ ЛОИҲАИ НАВИ ҚОНУН «ДАР БОРАИ ВАО»

**14-уми майи соли 2024 дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот муҳокимаи ҷамъиятии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои ахбори омма» баргузор шуд.**

Иброз гардид, ки муҳокимаи ҷамъиятӣ ба таҳкими эътимод байни парлумон ва намояндагони созмонҳои журналистӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқшиносон ва рӯзноманигорон мусоидат менамояд. Фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар ҷомеаи демократӣ ба кафолатҳои конститутсионии озодии баён ва иттилоот асос ёфта, мафҳуми «озодии баён» ҳамчун ҳуқуқи доштани андеша, эътиқод ва баёни озодонаи он фаҳмида мешавад. Ин мафҳумҳо аз моддаи 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегиранд: «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад...».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло фаъолияти воситаҳои ахбори омма, асосан бо ду қонун: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» танзим мегардад. Изҳор шуд, ки сарфи назар аз тағйироту иловаҳо ба ин қонунҳо, тараққиёти технология ва уҳдадориҳои байналмилалӣ моро водор менамоянд, ки ин санадҳоро ба меъёрҳои байналмилалӣ ва шароити муосир мутобиқ кунем. Барои ноил шудан ба ин бо қарори Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот моҳи марти соли 2023 гурӯҳи корӣ барои таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои ахбори омма» таъсис дода шуд. Ба ҳайати гурӯҳи корӣ намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дохил гардида, таҷрибаи гуногуни минтақа, кишварҳои таҳлилкунандаи санадҳои қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти воситаҳои ахбори омма мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Гурӯҳи корӣ сохтор ва тарҳи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои ахбори омма»-ро таҳия намуда, онро дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони воситаҳои ахбори омма ва ҳуқуқшиносон муҳокима намуд.

Дар натиҷаи муҳокимаҳо 100 пешниҳоду таклиф манзур гардидааст, ки гурӯҳи корӣ ҳамаи онҳоро бори дигар мавриди баррасӣ қарор дод.

Ҳадафи муҳокимаи навбатӣ он буд, ки лоиҳа пеш аз пешниҳод ба парлумон бо иштироки доираи васеи намояндагони мақомоти давлатию вакилони Маҷлиси намояндагон, созмонҳои байналмилалию ҷамъиятӣ ва журналистӣ бори дигар баррасӣ ва таҳрир шавад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМОҶТ.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ШИНОСНОМАИ ДАВЛАТ

**(Идома аз шумораи №41 (4781), 3 апрели соли 2024)**

**Арзишҳои тағйирнопазири конститутсионӣ.** Дар матни конститутсияи бисёр давлатҳо ҳолатҳое ҷой доранд, ки тағйирнопазирии баъзе арзишҳо, ба монанди меъёрҳо дар бораи моҳияти давлат, шакли идораи давлат, дахлнопазирии ҳудуди давлат, эътиқодмандии динии мардум ва ғайра, пешбинӣ шудаанд. Масалан, дар моддаи 4-и Конститутсияи Ҷумҳурии Туркия гуфта шудааст, ки ҳолатҳои моддаи 1-уми Конститутсия, ки шакли давлатро ҳамчун ҷумҳурӣ муқаррар кардааст, ҳолати моддаи 2-юм дар бораи тавсифи ҷумҳурӣ ва ҳолати моддаи 3-юм ислоҳ гашта наметавонанд, ҳамзамон, таклифҳо дар бораи тағйири онҳо низ пешниҳод шуда наметавонанд. Мувофиқи моддаи 175 Конститутсияи давлати Шоҳигари Марокаш: «Ҳолатҳои конститутсия, ки ба дини мусулмонӣ, шакли шоҳигарии идоракунӣ, сохти демократии давлат ва ҳолатҳо дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дахл доранд, аз нав дида баромада намешаванд». Бо ҳамин мазмун дар моддаи 139 Конститутсияи Ҷумҳурии Италия чунин гуфта шудааст: «Шакли ҷумҳуриявии идоракунӣ наметавонад мавзуи аз нав дидабарод гардад». Ба ҳамин монанд меъёрҳо дар конститутсияи чандин давлатҳои дигар ҷой доранд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 бори аввал дар таҷриба ва танзими асосҳои сохтори конститутсионии ҷумҳурӣ масъалаи тағйирнопазириро муқаррар кард. Дар моддаи 100-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин эълон карда шуд: «Шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд». Ҳадафи асосии муқаррар кардани меъёрҳои мазкури конститутсионӣ дар сатҳи конститутсионӣ кафолат додани дахлнопазирии арзишҳое мебошад, ки устувории шакли идораи давлат, моҳияти давлат ва тамомияти арзии ҷумҳуриро таъмин менамоянд. Ҳар гуна кӯшиши дигаргунсозии ин арзишҳо хилофи Конститутсия мебошад.

**Вазифа (функсия)-ҳои конститутсия.** Ҳамаи сифат ва хусусиятҳои конститутсия дар вазифаҳои он инъикос меёбанд. Дар робита бо ин вазифаҳои конститутсияро олимони конститутсияшинос ба намудҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, таъсиснамоӣ, ташкилнамоӣ ва сиёсати хориҷӣ ҷудо мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи Конститутсия таъмини идоманокии давлатдории тоҷик дар сатҳи моҳиятан нави баланд аст, ки таҳкурсии он дар даврони шуравӣ гузошта шуда, ҳоло дар заминаи дастовардҳои худ батадриҷ инкишоф меёбад.

Дар муайянсозии вазифаҳои конститутсия омилҳои гуногун ба эътибор гирифта мешаванд.

Вазифаҳои конститутсия, мазмуни онҳо, шаклҳои таҷассумёбӣ аз рӯи қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои онҳо, рушди ҷомеа ва сохтори конститутсионӣ муайян мегарданд. Пеш аз ҳама конститутсия ҳамчун қонуни олии ҷомеа ва давлат вазифа дорад, ки моҳияти давлатро ифода ва ҳадафҳои онро равшан намояд. Бинобар ин, дар шаклу мазмуни ба конститутсия хос тавассути иҷрои вазифаҳо конститутсия ирода ва манфиати неруҳои дар сари қудрат қарордошта ва тамоми халқро ифода мекунад.

Мазмун ва таъиноти вазифаи ҳуқуқии конститутсия дар он ифода меёбад, ки мавзуи танзимнамоии конститутсияи миллиро муносибатҳои заминагузорандаи бо чунин зуҳуроти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷаҳонишавӣ ва дигар навъҳо, ба монанди соҳибихтиёрии халқӣ ва давлатӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, рушди ниҳодҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд, ташкил менамоянд. Ин омил хусусияти на фақат услуб, балки роҳҳои танзими конститутсионии муносибатҳои ҷамъиятиро равшан менамояд. Албатта, конститутсия мувофиқи мазмун ва таъиноти худ имконияти танзимнамоии кулли муносибатҳои ҷамъиятиро надорад, барои ин тамоми низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҷумҳурӣ таъин шудаанд, аммо таъсири фарогири танзими конститутсионии муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ ҳамаи онҳоро бо конститутсия пайванд ва дар зери таъсири он қарор доштанро ифода мекунад.

Вазифаи ҳуқуқии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар таъсиси соҳаҳои ҳуқуқ ва низоми нави қонунгузории ҷумҳурӣ равшан зоҳир меёбад. Дар ин хусус ду ҳолатро ба эътибор гирифтан лозим аст. Якум, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Онҳо дар низоми қонунгузории ҷумҳурӣ мавқеи баланд доранд. Дуюм, тағйироту иловаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад. Қонунҳои бо ин роҳ қабулшуда баъди Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Тоҷикистон онҳоро эътирофкарда мавқеи баланди ҳуқуқӣ доранд. Сеюм, Конститутсия дар низоми қонунгузории ҷумҳурӣ санади сатҳи баланди ҳуқуқӣ – қонунҳои конститутсиониро пешбинӣ кард, ки ҳоло 20 адад аз онҳо дар амал мебошанд. Сарфи назар аз ин ҳолатҳо ва чанде мураккаб гаштани низоми қонунҳои ҷумҳурӣ ҳамоно мавқеи Конститутсия дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ омили муҳим боқӣ мемонад.

**Вазифаи сиёсии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар ҳамаи матни он ифода меёбад, аммо чӣ бештар дар «Дебоча» ва боби I. «Асосҳои сохтори конститутсионӣ» мушоҳида мегардад. Он аз сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мафкуравие, ки давлат амалӣ менамояд, тафовут дорад. Вазифаи сиёсии конститутсия дар сатҳи олии қонунгузорӣ ҳадаф ва самтҳои рушди ғояҳо ва усулҳо, вазифаҳои хос ва ҳадафи стратегии сиёсати давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятиро ифода мекунад. Шакли ифодаи моҳият ва мазмуни вазифаи сиёсии Конститутсия гуногун буда, дар баъзеи онҳо дар ин хусус ҳолат ва меъёрҳои равшан ҷой доранд, дар баъзеи дигар онҳо дар шакли умумӣ дар ҳамаи матни Конститутсия ҷой медиҳанд. Дар моддаи 11 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин хусус равшан муайян гардидааст: «Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад.

Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо бароянд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд».

Дар соҳаҳои муайянсозии сохтори конститутсионӣ, падидаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд, ташкилу фаъолияти мақомоти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ сиёсати устувор гардонидани истиқлоли давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва дахлнопазирии он, пурзӯр кардани кафолати татбиқи ҳуқуқу озодиҳо пеш гирифта шудааст. Конститутсия субъекти роҳбарикунанда ва татбиқи сиёсати хориҷиро муайян кардааст. Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати муайян кардани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ, ҳуқуқи дар дохили мамлакат ва дар муносибатҳои байналмилалӣ аз номи Тоҷикистон баромад кардан, ба қарордодҳои байналмилалӣ имзо гузоштан додааст. Умуман, вазифаи сиёсии конститутсия аз танзими воқеияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии дар мамлакат ба даст овардашуда иборат мебошад.

**Вазифаи мафкуравии конститутсия** дар шакл ва мазмуни гуногун ва тавассути меъёрҳои конститутсионӣ ифода карда мешавад. Ҳар як конститутсия баробари дигар хусусиятҳои худ ҳуҷҷати мафкуравӣ аст ва дар он низоми муайяни ғояву ақидаҳо ифода меёбанд. Дастурҳои мафкуравие, ки дар ҷанини конститутсия ҷой дода мешаванд, дар ҳамаи қисмҳои он, сарфи аз он ки сухан аз нақши давлат, муносибати он бо ҷомеа ва шахс, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ меравад ё не, асар доранд. Бо ин мазмун конститутсия ҳуҷҷати афкори муайян ва ҷаҳонбинӣ буда, ба ҳаёт ва фаъолияти маънавии ҷомеа таъсир мерасонад, ба паҳн ва тасдиқ гардидани ғояҳои муайяни сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, тафаккур ва арзишҳо мусоидат менамояд. Тибқи таъиноти иҷтимоӣ ва сиёсии конститутсияи давлатҳои шакли гуногун ғояҳои мафкуравии дар онҳо ҷойдошта бевосита ва ё тибқи ҳар гуна усулҳо муайян ифода карда мешаванд. Конститутсияи давлатҳои сотсиалистӣ вазифаи мафкуравии худро хеле намоишкорона ифода карда, тибқи давраи рушди ҷомеа ва давлат ҳолатҳоеро муайян мекарданд, ки воқеан ҳанӯз ба онҳо расидан ғайриимкон буд. Масалан, дар Конститутсияи охирини ИҶШС соли 1977 дар бораи сифатҳои ҷомеаи сотсиализми мутараққӣ он қадар муфассал гуфта шуд, ки қисми зиёди онҳо хаёлӣ ва татбиқи онҳо дастнорас буд. Аз ҷумла, тезисҳо дар бораи ба вуҷуд омадани умумияти нави таърихии одамон - халқи шуравӣ ҳадафи инкори тафовути воқеии инсон вобаста ба мансубияти миллӣ-этникии онро дошт; оид ба барпо ёфтани ҷамъияти муташаккилӣ, идеянокӣ ва шуурнокии олии меҳнаткашон – ватандӯстон ва интернатсионалистон, ҷамъияте, ки ғамхории ҳама барои беҳбудии ҳар кас ва ғамхории ҳар кас барои беҳбудии ҳама қонуни ҳаёти он мебошад, таъиноти мафкуравӣ дошта, ба воқеияти ҳаёти ҷамъиятӣ кам мувофиқат мекард.

Вазифаҳои мафкуравӣ ва дастурҳои мафкуравии дар конститутсияи давлатҳои сохтори иҷтимоӣ-сиёсии гуногун ҷойдошта метавонад тавассути ҳар гуна усулҳо, ба монанди аз номи халқ, аз номи сарвари давлат, аз номи Худо эълон кардани конститутсия, ифода карда шавад, аммо дар асл ин усулҳо ба моҳияти воқеии Конститутсия мувофиқат надоранд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 низ дар шакли ба худ хос вазифаи мафкуравиашро ифода кардааст. Пеш аз ҳама, дар дебочаи мухтасари он «бунёди ҷомеаи адолатпарвар» вазифаи халқи ҷумҳурӣ дониста шудааст, Дар моддаи якум бошад, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявӣ доштани Тоҷикистон ва дар Тоҷикистон инкишоф ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ (моддаи 8) низ хислати мафкуравӣ доранд. Тавассути меъёрҳои мазкур Конститутсия дар бораи хислати инсондӯстона ва адолатпарваронаи сохтори ҷамъиятӣ ва сохтори давлатии ҷумҳурӣ маълумот медиҳад. Вазифаи мафкуравии Конститутсия дар рамзҳои давлатӣ ва бисёр меъёрҳои бобу фаслҳои он ҷой дорад.

**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон** вазифаи иқтисодии худро тавассути муқаррар кардани гуногуншаклии моликият ҳамчун асоси иқтисодии ҷумҳурӣ ифода кардааст. Баробари ин, давлат кафолат додан ба фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шакли моликият, аз ҷумла хусусиро ба уҳда гирифтааст. Меъёри мазкур дар хусуси даст кашидан аз қонуниятҳои рушди иқтисодиёти сотсиалистӣ, оғози бунёди иқтисодиёти нав ва муносибатҳои нави иқтисодии ҷамъиятиро расмӣ гардонидааст. Дар сатҳи конститутсионӣ кафолат додан ба рушди ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, ба моҳияти ҷомеа ва давлат, мазмун ва таъиноти сиёсати иқтисодии давлат таъсири калон дорад. Тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ дар истеҳсолот ва тақсими музди меҳнат аз пеш гирифтани сиёсати нави иқтисодӣ шаҳодат медиҳанд. Вазифаи иқтисодии конститутсия фақат бо муайян кардани шаклҳои моликият ва фаъолияти озоди соҳибкорӣ набояд маҳдуд гардад, зеро ки дар чунин ҳолат ҳифзи ҳуқуқи коркунон чӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва чӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ хатари поймолшавӣ дорад. Барои пешгирии чунин ҳодисаҳо бояд асосҳои ҳуқуқии фаъолияти сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятии ҳифзи ҳуқуқи меҳнатии коркунон фаъол гардонида шуда, дар маъракаҳои такмили минбаъдаи конститутсия ба он тағйиру иловаҳои даркорӣ ворид карда шаванд. Дар конститутсия, ҳамчунин, объектҳои моликияти истисноии давлат муайян ва ба истифодаи самараноки онҳо ба манфиати халқ кафолат дода шудааст. Дар татбиқи меъёри мазкур низ чунин масоил мавҷуданд. Хусусан, истифодаи замин ва об дар ҷумҳурӣ ҳанӯз ба танзими ҳуқуқии ҳадафнок эҳтиёҷ дорад.

Вазифаи иқтисодии конститутсия мухтасар бо роҳи нишон додани асоси иқтисодии давлат, шаклҳои моликият ва объектҳои моликият қонеъ гашта метавонад ва ё тибқи фасл ва моддаҳо дар ин хусус муфассал сиёсати иқтисодии давлатро муайян намояд. Мисоли чунин танзими иқтисодии муфассал фасли сеюми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, моддаҳои 65-68 мебошад, ки дар онҳо вазифаҳои сиёсӣ, мафкуравӣ ва иқтисодии Конститутсия муқаррар карда шудаанд. Дар он нишон дода шудааст, ки асоси иқтисодии Ӯзбекистон ба баланд бардоштани некуаҳволии шаҳрвандон равона карда шудааст. Ҳамзамон, барои таъмини баробарии шаклҳои моликият, хусусан дахлнопазирии моликияти хусусӣ, ҳар гуна имтиёз муқаррар карда шудааст.

**Вазифаи иҷтимоӣ** барои ҳамаи конститутсияҳо хос буда, бо дигар вазифаҳо дар пайвандӣ амал мекунад. Бо мазмуни комил ба вазифаи иҷтимоии конститутсия худи қабули он, тағйироту иловаҳо дохил кардан ба он бевосита алоқаманд аст, зеро ки қабули конститутсияи нав ва дохил кардани тағйиру иловаҳо ба он яке аз супоришҳои иҷтимоӣ буда, заруриятӣ онро барои рушди минбаъдаи ҷомеа ва давлат асоснок менамояд. Вазифаи иҷтимоии конститутсия дар ҷамъи хусусиятҳои он, ки моҳияту таъиноти ҷомеа ва давлатро инъикос мекунанд, ифода мегардад.

**Ҷурахон МАҶИДЗОДА,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа,**
**сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ,**
**Ашурбой ИМОМОВ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

# КОНСТИТУТСИЯ ВА ПАЁМ

## ДУ САНАДЕ, КИ ҲАМДИГАРРО ТАҲКИМ МЕБАХШАНД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ироаи Паём ҷузъе аз ин раванд ба ҳисоб рафта, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, масири барои кишвар афзалиятдошта, мавқеъгирӣ дар робита ба ҷараёнҳои геополитикӣ, дастовардҳои ноилгардида ва тасмиму нақшаҳо дар заминаи таҳлили амиқу доманадор ва истинод ба далелу рақамҳои асоснок муайян мегарданд. Маҳз, таклифу пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боис мегарданд, ки аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва ҳуқуқэҷодкунанда санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳо таҳия, қабул ва ҷонибдорӣ мешаванд. Илова бар ин, ба қонунгузории амалкунандаи кишвар тағйиру иловаҳо ворид шуда, ба шарофати ин иқдом заминаи ҳуқуқӣ мукаммалтар мегардад.

Агар аз лиҳози ҳуқуқӣ моҳияти ин ҳуҷҷати муҳимро арзёбӣ намоем, пеш аз ҳама, бояд зикр кард, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун меъёри конститутсионӣ заминаи қонунӣ дорад ва аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Тавре аз муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бармеояд, барои дар сатҳи хубу сифати баланд амалӣ намудани салоҳияту ваколати Президент санадҳои зиёд таҳия, қабул, ҷонибдорӣ ва мавриди амал қарор гирифтаанд. Барои мисол, фармон, амр, санадҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрии зиёд марбут ба салоҳияти Президент мавҷуданд, ки хусусияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ доранд. Миёни онҳо ҷойгоҳи яке аз санадҳои муҳим ва асосӣ - Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» хоса аст, зеро меҳвару ҷавҳари он таҳлили амиқ, муқоисаи асоснок, хулосаи воқеӣ, масъалагузориҳои бениҳоят муҳим, тасмимгирии саривақтӣ ба ҳисоб рафта, дар ин раванд ягон соҳа аз мадди назар дур намемонад.

Ин ҳуҷҷати муҳим самараи ислоҳоти конститутсионии соли 1999 ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 69 ва 55-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ (26 сентябри соли 1999) қабул гардид.

Тибқи муқаррароти сархати якуми моддаи 69 ва қисми сеюми моддаи 55-и Конститутсияи мамлакат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёмашонро «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат ироа менамоянд. Иқдоми мазкур бори нахуст 27-уми апрели соли 2000 амалӣ гардида буд.

Лозим ба ёдоварист, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳо ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсон, зарурату моҳияти бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, мақомоти дахлдори давлатиро вазифадор карданд, ки дар ин самт бетаъхир тадбирҳои судманд андешанд.

Паёми навбатӣ (28 декабри соли 2023) идомаи мантиқии Паёми солҳои пешини Роҳбари давлат мебошад. Он навгониҳое, ки дар бахшҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа рӯйи кор омада истодаанд, замина фароҳам меоранд, ки мазмуну моҳияти ин ҳуҷҷат низ дигаргун гардад. Ин махсусият дар ҳама нуктаҳои Паём барҷало намоён аст.

Маҳз, тавассути Паёмҳои Президент мардум дар бобати тадбирандешиҳои ба бахшҳои гуногун рабтдошта иттилоъ пайдо менамоянд. Барои мисол, зимни ироаи яке аз Паёмҳо бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дар истеҳсолот бо назардошти ҷалб намудани техника ва технологияи муосир ва тадриҷан афзун кардани истеҳсоли маҳсулот дар дохили мамлакат барои ҳама гуна тафтишу санҷиши фаъолияти соҳибкороне, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд, мораторий эълон шуда, ба вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ»-ро таҳия карда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Такмили Кодекси андоз, дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», эълони 300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дигар ибтикорот маҳз, дар партави ин ҳуҷҷати муҳим сурат гирифт.

28 декабри соли 2023 дар фарҷоми Паёмашон Пешвои миллат чунин таъкид намуданд: «Ман ба мардуми азизи кишвар муроҷиат карда, ҳар яки онҳоро даъват менамоям, ки биёед, табиати Тоҷикистони биҳиштосоямонро ба гулистон табдил диҳем, ободӣ ва тозагиву озодагиро аз ҳар хонаву кошона сар карда, то деҳоти дурдасттарин вусъат бахшем, тамоми қаламрави Ватанамонро хурраму сарсабз гардонем ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани худро ба ҷаҳониён собит намоем. Ман ба ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, нияти неку азми қатъӣ ва саъю талоши созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон эътимоди комил дорам».

Тавре олимони соҳаи ҳуқуқ иброз медоранд, Паёми Президентро аз рӯйи қувваи олии ҳуқуқӣ ва аҳамияту эътибор метавон ба Конститутсия муқоиса кард, зеро он баҳри амалӣ гаштани меъёрҳову муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳиму назаррас дорад ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳомии Конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**



# ИШТИРОКИ ВАКИЛОН ДАР ФОРУМИ ПАРЛУМОНӢ

**Рӯзҳои 14-17 майи соли ҷорӣ дар мавзуи «Ҳифзи арзишҳои демократӣ: аҳамияти идоракунии бахши амният ва назорати парлумонӣ» дар шаҳри Брюссел аз ҷониби Маркази Женева оид ба идоракунии бахши амният дар доираи форуми «Ҳамкорӣ барои сулҳ» форуми парлумонӣ баргузор гардида истодааст, ки дар он вакилони Маҷлиси намояндагон Толибхон Азимзода ва Ҳаёт Одинаев иштирок доранд.**



Ҳадафи форум тавассути табодули афкор ва таҷриба баланд бардоштани сатҳи дониш ва огоҳии вакилони парлумонҳои кишварҳои Аврупои Шарқӣ, Қафқози Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ оид ба татбиқи фаъолияти қонунгузорӣ дар бахши амният, инчунин, паҳн намудани нормаҳо ва таҷрибаи пешқадам барои назорати парламентии ин соҳа мебошад.

Баргузории форум имкон медиҳад, ки дарсҳо, бозёфтҳо ва фаҳмиши коршиносони байналмилалии амният ва ҳамкорони парлумонии Иттиҳоди Аврупо бо мақсади дастгирии ислоҳоти маҳаллӣ, ки ба таҳкими нақши парлумонҳо дар идоракунӣ ва назорати бахши амният нигаронида шудаанд, муҳокима гарданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМОҶТ**

# АЗ «ДЕВОН-УЛ-БАРИД» ТО «ПОЧТАИ ТОҶИК»

**Соли 2024 аз таъсисёбии КВД «Почтаи тоҷик» 100 сол пур шуд. Вобаста ба фаъолияти «Почтаи тоҷик» дар вилояти Хатлон хабарнигори рӯзнома бо директори он Сайдалӣ Мирзоев суҳбат доир намуд.**

**- 100-солагии «Почтаи тоҷик» муборак бошад. Таърихи пайдоиши почта, хоса дар вилояти Хатлон, чӣ гуна аст?**

- Одамон ҳамеша ба иттилоъ ниёз доштанду доранд. Дар ибтидо ба воситаи садою оҳанг, баъдтар тавассути кабӯтарон, аспу ароба ва ҳоло баробар бо рушди техника ба воситаи нақлиёту қатора ва ҳавопаймо ба ҳамдигар пайғом мефиристанд. Нахустин ташкилоти монанд ба почтаи имрӯза дар замони салтанати Сомониён



таъсис ёфтааст, ки «Девон-ул-барид» ном дошт.

Бо таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон (соли 1924) нахустин шуъбаҳои алоқа ва марказҳои алоқаи почта ба фаъолият оғоз намуданд. Ба хотири дар вақти зарурӣ ба тамоми мардуми ҷумҳурӣ расондани сиёсати давр зарурат пеш омад дар дигар минтақаҳо низ фаъолияти он роҳандозӣ шавад. Ҳамин тавр, фаъолияти «Почтаи тоҷик» роҳандозӣ ва минбаъд густурда шуд. Дар вилояти Хатлон соли 1925 нахустин шуъбаҳои алоқа дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) ва Кӯлоб ба фаъолият оғоз намуданд. Соли 1926 шуъбаи почтаи ноҳияи Сарои Камар (ноҳияи Панҷи имрӯза) ташкил шуд. Ҳамон сол дар ноҳияҳои Шаҳритус ва Фархор низ шуъбаҳои алоқаи почта ба фаъолият оғоз намуданд.

Айни замон Корхонаи фаръии КВД «Почтаи тоҷик» дар вилояти Хатлон дар тобеияташ 23 маркази алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо ва 148 шуъбаи алоқаи почта дорад.

**- Фаъолияти почтаи вилоятро дар соли сипаришуда чӣ гуна арзёбӣ менамоед?**

- Хуб. Вазифаи аслии мо қабулу фиристодани мактубҳо, қабул ва пардохти ирсолпулӣ, қабул ва фиристодани равонаку пакетҳои хурд, обуна ба рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятию маҳаллӣ ба мардум мебошад. Соли гузашта 9 миллиону 895 ҳазору 922 рӯзномаю маҷалла, мактубҳои хизматӣ, одию супоришӣ, равонаку бастаҳо, пакетҳои хурду ирсолпулиҳо ба вазни 273 тоннаю 62 килограмм ворид гардида, ҳамаи он ба муштариён дастрас шуд. Аз ин шумора беш аз 34 ҳазор мактубҳои одию супоришӣ, бастаҳо ва мактубҳои арзишнок буда, 377-тои он равонаку пакетҳои хурд, 1862-тои дигар ирсолпулиҳо ва боқимонда рӯзномаю маҷаллаҳо буданд.

Ин муддат аз ҳудуди вилоят 1492 килограмм муросилоти почтаи байналхалқӣ фиристода шудааст. Ба корхона аз Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Латвия, Литва, Эстония, Чехия, Олмон, ИМА ва Канада равонакҳои нақдӣ ва ғайринақдии гумрукӣ ворид ва сари вақт ба ҷойи лозимӣ расонда шуданд.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти ниҳод сари вақт расондани рӯзномаю маҷаллаҳо ба обуначиён, хусусан ба деҳоти дурдаст, мебошад. Рӯзномаю маҷаллаҳо аз маркази маъмурии вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар то шаҳри Кӯлоб, сипас аз Кӯлоб ба дигар шаҳру ноҳияҳо фиристода мешаванд. Барои ин мошинҳои махсус вобаста шуда, хаткашонҳои мо дар шаҳру ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Фархор, Кӯлоб, Муъминобод бо матароллеру дучарха таъмин мебошанд.

**- Соле қабл эълон карда будед, ки дар вилоят 50 дӯкони рӯзномафурӯшии замонавӣ бунёд менамоед. Ин иқдом амалӣ шуд?**

- Қисман. Ҳоло бунёди дӯконҳо дар вилоят ҷараён дорад ва 6 дӯкон дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯшониён, Шамсиддин Шоҳин ва Муъминобод гузошта шуд. Ҳамзамон, дар дохили биноҳои алоқаи почтаи ноҳияҳои Темурмалик, Данғара, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Шаҳритус дӯконҳои фурӯши рӯзномаю маҷаллаҳо ва молҳои дафтардорӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд.

**- Ҳоло дар тамоми мамлакат ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёдкориҳо идома доранд. «Почтаи тоҷик» дар вилояти Хатлон барои сазовор пешвоз гирифтани ин ҷашн чӣ иқдоме пеш гирифтааст?**

- Дар доираи ин ҷашни таърихӣ бинои маъмурии почтаи вилоят пурра таъмир гардида, барои кормандон шароити мусоиди корӣ фароҳам шуд. Илова бар ин, бо дастгирии роҳбарияти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллӣ биноҳои маъмурии марказҳои алоқаи шаҳру ноҳияҳои Левакант, Ҷайҳун, Шаҳритус, Ховалинг, Кӯшониён ва Дӯстӣ таъмиру навсозӣ ва бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардиданд. Ин иқдом минбаъд низ идома ёфта, марҳила ба марҳила тамоми марказҳои алоқаи почтаи ҳудуди вилоят таъмиру навсозӣ мешаванд. Инчунин, барои корхона чор нақлиёти сабукраву борбар харидем, ки дар як ҳафта панҷ маротиба аз шаҳри Душанбе ба вилояти Хатлон рӯзномаю маҷалла ва дигар лавозимоти заруриро мерасонанд. Роҳбарият ва аҳли кормандони «Почтаи тоҷик» дар вилояти Хатлон дар оянда низ талош менамоянд, ки сатҳу сифати хизматрасонии алоқаи почтаро ба аҳолӣ беҳтар намоянд ва дар баланд бардоштани нуфузи «Почтаи тоҷик» саҳми арзанда гузоранд.

**- Ташаккур барои суҳбат.**

**Мусоҳиб Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

# СУХАН МОНАД АЗ МО ҲАМЕ ЁДГОР

**Дар синфи чорум мехондем. Мудири қисми илмии мактаби мо Амонулло Саидов, хатмкардаи факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи Кӯлоб буд. Аз ҳамин фан моро аз синфи чорум то синфи 8-уми мактаби ҳаштсола сабақ омӯхт.**

Мо дар ин ақидаем, ки нодонтарин шогирд ҳам ба лаёқати касбӣ, тахассусмандӣ, хислатҳои инфиродӣ, маънавиёт, рафтор, кирдор, иродатмандӣ, тарзи корбарӣ, шеваи ҳаракот ва либоспӯшии муаллимон ҷиддан таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ӯро меомӯзад. Арзёбӣ, баҳогузорӣ ва хулосабарорӣ менамояд.

Ягон хислати мусбат ва ё манфии муаллим аз мадди назари шогирд дур намемонад. Ва ин сифатҳо якумр дар хотири ӯ нақш мебанданд.

Бидуни шак, синну соли мактабӣ ва донишҷӯйӣ – замони сохтмони бинои бузурги одамиятанд. Ва ин раванд ҳам аз лиҳози ҷисмонӣ ва ҳам аз ҷиҳати рӯҳиву равонӣ табиист.

Солҳои шастуми асри гузашта, мутахассисони маълумоти олидор дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла педагогика, башумор буданд.

Амонулло Саидов шояд бисту ду - бисту се сол дошт, ки ба ин вазифаи масъулиятнок таъин шуда буд. Аз лиҳози амалӣ, гӯё ки таҷрибаи кофии муаллимӣ ҳам надошт. Аммо ҷавони хеле серғайрат, бомасъулият ва сахтгир буд. Мо хонандагони синфҳои миёнаи мактабӣ бошем ҳам, медидем ва дарк мекардем, ки ӯ ҷараёни таҳсил, давомоти хонандагон, тартиб ва низомро дар мактаб бо ҳисси баланди таъинот ва маорифпарварӣ роҳбарию роҳнамоӣ мекунад. Ҳама корро ба директори мактаб, ки «ӯ роҳбар аст, бояд ҷавобашро гӯяд, ба ман чӣ?» вогузор намекард. «Мактаб макони илму маърифат аст. Ман муовини сарвари мактаб доир ба таълим ҳастам. Ман бояд ҷавоби соҳаро гӯям. Мактаб аз ман аст», - гуфта, муносибат мекард.

Мо чанд маротиба шоҳиди он будем, ки Амонулло Саидов аз китобхонаи мактаб китобҳои дарсии забони русӣ, адабиёти рус, ботаника, зоология, химия ва физикаро ба номи худ мегирифт. Дар дафтарчаи китобхона имзо мегузошт.

Аввалҳо ҳайрон мешудем. Охир Амонулло Саидов муаллими фанни забон ва адабиёти тоҷик аст, барои чӣ ӯ ин китобҳоро мегирифта бошад? Вақте ки барои гирифтани бӯр бо иҷозат вориди «хонаи муаллимон» мегаштем, медидем, ки ӯ ин китобҳоро бодиққат хонда истодааст. Аз он чизҳоеро навишта мегирад. Тааҷҷуби мо аз ин боз ҳам зиёдтар мешуд, аммо андак дертар аз ин сир бохабар шудем. Амонулло Саидов дар доираи салоҳияти худ як-як ба дарсҳои муаллимони ҳамин фанҳо медаромад. Дар партаи қафо менишаст. Ба тарзу усули дарсдиҳӣ, дараҷаи тайёрии муаллимон ба дарс ва омодагии шогирдон бодиққат гӯш дода, дар дафтари худ қайдҳояшро менавишт.

Баъдан, ба мо, талабагони кунҷков, аз ҳар самт хабар мерасид, ки Амонулло Саидов таҳлили дарсҳои муаллимонро хеле тахассусмандона гузаронида, тавонистааст, ки камбудиҳои онҳоро ошкор ва ба муаллимони ихтисосҳои гуногун маслиҳатҳои муфид диҳад. Самараи ин кори ӯро мо ҳам ҳис мекардем.

Тавре ишора гардид, худи муаллим муддати чор сол аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ба мо дарс мегузашт.

Ман дақиқ намедонам муаллими мо дар Донишгоҳи Кӯлоб чӣ гуна таҳсил карда бошад, аммо маълум буд, ки донишҳои аълои бунёдиро дар соҳаҳои морфология, синтаксис



ва адабиёти классикии тоҷик дорад. Ба дарсҳо бо омодагии хуб меомад. Зиёд шеърдон буд. Дар синфҳои ҳафтуму ҳаштум дар доираи лирикаи классикони адабиёти тоҷик бозавқ шеър мегуфт. Қисмати зиёди он шеърҳо дар китоби дарсӣ набуданд.

Худи муаллим ба ғайр аз маводи дарсӣ санъатҳои бадеиро таҳлил ва тафсир намуда, порчаҳои назмиро устодона азёд мегуфт.

Барои мисол, санъати бадеии саволу ҷавобро дар назми асри X таҳлил карда, ҳамчун намуна ин шеъри машҳури Сардафтари адабиёти классикии тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо маҳорати баланд мехонд:

**Омад бари ман.**
**Кӣ?**
**Ёр!**
**Кай?**
**Вақти саҳар!**
**Додам-ш ду бӯса.**
**Аз куҷо?**
**Аз лаби тар!**
**Лаб буд?**
**На!**
**Чӣ буд?**
**Ақиқ!**
**Чун буд?**
**Чу шакар!**
**Тарсанда зи кӣ?**
**Зи хасм!**
**Хасмаш кӣ?**
**Падар!**

Муаллим Амонулло Саидов мутахассиси беҳтарини шинохти санъати арӯз буд. Дар тахтаи синф зарфият, имконот, тавонмандӣ ва нозукиҳои ҳиҷоии ин вазни мураккабро устодона ба қалам медод. Ба содагӣ мефаҳмонд. Ӯ метавонист шахсияти бофарҳанг ва миллатдӯст будани худро тавассути донишҳои умқии худ дар соҳаҳои таърих, адабиёт ва санъати миллати тоҷик намоиш диҳад. Дар ин маврид, тафсири замони Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигаронро бо муҳтавои эҷодиёти онон бо далелу мисолҳои таърихӣ ва таърихӣ-бадеӣ фаҳмонад. Хонандагонро ба андешаи худ муътақид кунад. Решаи таассубу хурофотро дар майнаи шогирдоне, ки ба ҳар сабабе дар илму маърифат ва имконоти инсонӣ ҳанӯз донишу малакаи қавӣ надоштанд, заиф гардонад, зери шубҳа гузорад.

Амонулло Саидов супориш медод на танҳо он шеърҳои шоиронро, ки дар китобҳои дарсӣ ҳастанд, азёд кунем, балки порчаҳои назмии вобаста ба мавзуъ аз дигар китобҳо дарёфткарда ва дар хотираш гирифтаи муаллимро, ки ба мо ҳарф ба ҳарф мегуфт, дар «дафтари адабиёт»-и худи ӯ фикр карда бароварда нависем. Мисли ӯ азёд мекардем. Ифоданок мехондем. Тафсир карда метавонистем. Барои мисол, ин порчаҳои назмие, ки то ҳол дар ёди мо мондаанд, аз ҷумлаи ҳамон шеърҳоанд:

**Киро дар ҷаҳон ҳаст ҳушу хирад,**
**Куҷо ӯ фиреби замона хӯрад?**
*(Фирдавсӣ)*

**Ҳар киро роҳбар заған бошад,**
**Гузари ӯ ба марғазан бошад.**
*(Рӯдакӣ)*

**Саҳл аст маро бар сари ханҷар будан,**
**Ё баҳри муроди хеш бе тан будан.**
**Ту омадаӣ, ки кофиреро бикушӣ?!!!**
**Ғозӣ чу туйӣ, хуш аст кофар будан!**
*(Абусайиди Абулхайр)*

Ва чандин байти дигари монанди инҳо.

Амонулло Саидов нисбат ба худ ва шогирдон ниҳоят серталаб буд. Аз рӯйи қисм-қисм гузаронидани дарсҳо, яъне ҷудо кардани 45 дақиқа барои пурсиши хонандагон, эълони мавзуи дарси нав, изҳори мундариҷа ва муҳтавои дарс, суолу ҷавоб барои мустаҳкам кардани донишҳои шогирдон дар ин қисмат, сахт алоқаманд намудани дарси гузашта бо дарси имрӯза ва таъкид кардани нуктаҳои муҳими мавзуъ, мо соати дастӣ надошта бошем ҳам, медонистем, ки чандум дақиқаи дарси муаллим рафта истодааст.

**Вақте муаллим Амонулло Саидов дарси нав мегузашт, медонист, ки ӯ синфро тасхир кардааст. Вазифаи хонагиро мушаххас мегузошт. Аммо таъкид мекард:**

**- Дар китоби дарсӣ ҷузъиёте ҳаст, ки ман ба шумо, шогирдон, нагуфтаам. Акнун навбат ба шумо. Хӯш, бубинем, ки он чӣ аст?**

Устоди мо ба фарқ аз баъзе муаллимон, ки мехостанд ҳар чӣ тезтар дарс тамом шавад, тез-тез ба соати худ нигоҳ мекарданд ва ин аз назари шогирдони зирак пинҳон намемонд, занги танаффусро интизорӣ намекашид. Дар дарс бисёр шавқманд ва дар кори худ бо тамоми ҳастӣ банд буд. Занг садо медод. Танаффус ба охир мерасид. Муаллими дигар бо қаламу дафтар назди дар омада меистод. Аммо сухани пурмуҳтавои муаллими мо Амонулло Саидов тамом намешуд. Мо ҳам гузашти вақтро ҳис намекардем. Гӯшу ҳуш шуда, бозавқ худро дар ҷаҳони маонии суханони илмӣ-бадеии пурмуҳтавои муаллим тасаввур менамудем.

Вақте муаллим Амонулло Саидов дарси нав мегузашт, медонист, ки ӯ синфро тасхир кардааст. Вазифаи хонагиро мушаххас мегузошт. Аммо таъкид мекард:

- Дар китоби дарсӣ ҷузъиёте ҳаст, ки ман ба шумо, шогирдон, нагуфтаам. Акнун навбат ба шумо. Хӯш, бубинем, ки он чӣ аст?

Ҳамаи мо, шогирдон, кӯшиш мекардем, ки он нуктаро дарёфт кунем, то худамон фаҳмем ва муаллим ҳам аз мо қаноатманд бошад.

Яке аз ин мавзуъҳо дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Носири Хусрав буд.

Ман он мавзуъро қариб, ки «қориазёд» кардам.

Дарси навбатӣ ҳангоми пурсиши мавзуи гузашта даст бардоштам. Муаллим маро ба назди тахтаи синф даъват кард, ки ҳангоми посух, мабодо, ба китоб ё дафтар нигоҳ накунам.

Нақл кардам. Гӯё ба ҳамаи саволҳо ҷавоб додам. Ашъори шоирро, ки хосияти ҳасбиҳолӣ дошт, азёд гуфтам. Хомӯш истодам. Ба муаллим нигоҳ кардам. Интизори вокуниши устод гаштам.

– Нағз. Ба дарс тайёрии хуб дидаӣ. Ман мехостам ба кӯшиши ту баҳои сазовор диҳам. Аммо афсӯс. Як лаҳзаеро, ки ман дар дарси гузашта нагуфта будам, сарфи назар кардаӣ. Мавзуъро бояд хубтар мехондӣ. Агар мегуфтӣ, ҷавобҳоят пурра мешуд, - иброз дошт устод.

Намедонам, шояд тамоми қувваи фикрии худро сарҷамъу сафарбар карда бошам, ки якбора, бо ҳаяҷон як нуктаро ба ёд овардам. Сухан марбут ба манзалати илмӣ ва адабии соҳибқирони тафаккури фалсафии замон аз забони худи шоир садо медод. Он афкорро бо нутқи айнан нақлшуда, ҳамчун иқтибос ба тарзи ифоданок эълон доштам.

Кам медидем, ки муаллим Амонулло Саидов эҳсоси хушҳолӣ ва қаноатмандиашро аз посухи шогирдон ба таври ошкоро нишон диҳад.

Аммо ин дафъа хурсандии худро пинҳон кардан нахост, табассум кард ва ба ман:

- Рафта рӯзномаатро биёр, – гуфт.

Амонулло Саидов шахси эҷодкор буд. Ҳусни хати хуб дошт. Дар рӯзномаҳои марказӣ ва маҳаллӣ мақолаҳо менавишт. Моро ҳам ба ин кор ташвиқ мекард. Ҳикмати «То мард сухан нагуфта бошад...»-ро дӯст медошт. Ба нутқи шифоҳӣ ва хаттии шогирдон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекард. Тез-тез аз шогирдон диктант ва нақли хаттӣ мегирифт. Онро бодиққату заҳмат месанҷид. Сурх мекард. Баҳои одилона медод. Сахтгирии муаллим Амонулло Саидов ба ҷабр монанд буд, аммо ин ҷабри ӯ барои мо беҳтар аз меҳри устодоне буд, ки дар бораашон хотироте намондааст.

**С. ЯТИМОВ**

15 май - Рӯзи байналмилалии оила

# ОИЛА – МАКОНИ ҲАМЗИСТИИ ОСОИШТА

**Дар кишвари мо бо мақсади танзими муносибатҳои оилавӣ, фароҳам овардани шароити созандаи муносибату ҳамзистии осоишта ва дар ин замина мусоидат намудан ба ҷомеаи солим Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» таҳия ва соли 2013 қабул гардид. Барои амалӣ намудани он Стратегияи иртиботии «Оила – макони меҳрубонӣ» омода шуд. Стратегияи мазкур дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таҳкими мавқеи оила ва занону духтарон дар ҷомеа, пешгирии зӯроварии хонаводагӣ ва бекоршавии ақди никоҳ, инчунин, дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ таҳия гардидааст.**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 33 муқаррар кардааст: «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд. Бисёрникоҳӣ манъ аст». Ин муқаррарот чун дигар меъёрҳои Конститутсия аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқи инсон маншаъ мегирад. Дар моддаи 16 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон 10 декабри соли 1948, зикр шудааст, ки мардон ва заноне, ки ба синни балоғат расидаанд, ҳақ доранд бидуни ягон маҳдудияти нажодӣ, миллӣ ё динӣ оила бунёд намоянд. Тибқи моддаи мазкур, мардон ва занон дар мавриди ақди никоҳ, давраи дар никоҳи якдигар будан ва ҳангоми бекор кардани он баробарҳуқуқ буда, ақди никоҳ метавонад танҳо дар сурати ризоияти озодона ва пурраи ҳар ду тарафи ба ақди никоҳ дар оянда баста шавад. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон оиларо рукни табиӣ ва асосии ҷамъият дониста, ба ҳимояи ҷамъият ва давлат ҳақ доштани онро эътироф менамояд.



Дар қисми 1 моддаи 1 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, № 683, ин принсипи конститутсионӣ мушаххас гардида, пешбинӣ шудааст, ки оила, ақди никоҳ, модар, падар ва кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти муҳофизати давлат қарор доранд.

Сиёсати давлатӣ оид ба оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми комил ва созмонёфта аз маҷмӯи иқдомот ва тадбирҳои хусусияти гуногундошта иборат мебошад. Ҳимояи давлатии оила хусусияти гуногунҷанбаи ташкилию иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ дошта, бо роҳи андешидани тадбирҳои гуногуни давлатӣ оид ба таҳкими оила, дастгирии иҷтимоии он, ҳавасмандгардонии модар, ҳифзи манфиатҳои модару кӯдак ва дигар аъзои оила амалӣ мешавад. Воситаҳои ҳуқуқӣ аз муҳимтарин роҳу василаҳои ҳимояи давлатии оила ба шумор рафта, тавассути онҳо давлат ҳадафҳои худро дар ин самт амалӣ мегардонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ, зерқонунӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари муҳими сиёсию ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки барои банақшагирӣ ва амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти ҳимояи оила, ҳуқуқу манфиатҳои аъзои оила, арзишҳои оилавӣ, таъмини шароити зарурӣ барои амалигардонии функсияҳои оила ва фароҳам овардани шароити мусоид баҳри таъмин намудани зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи аъзои оила равона гардидаанд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва ғайра санадҳои меъёрӣ ва ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ ба шумор мераванд.

Яке аз тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои зан талабот ба бастани ақди никоҳ дар мақомоти қайди асноди шаҳрвандӣ мебошад. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамсарон танҳо баъд аз бақайдгирии давлатии ақди никоҳ дар мақомоти зикршуда ба вуҷуд меояд.

Барои таъмини манфиатҳои қонунии зан риояи тартиб ва шартҳои бастани ақди никоҳ муҳим мебошад. Дар ин ҳолат синни никоҳӣ (моддаи 13 Кодекси оила) нақши муҳим дорад.

То имрӯз ҳудуди 60 санади меъёрӣ–ҳуқуқӣ қабул шудааст, ки ҳуқуқҳои занонро ҳифз менамоянд. Бо вуҷуди ин, баъзе масъалаҳои зӯроварии гендерӣ ҳалталаб боқӣ мондааст, гарчанде корҳои зиёд дар самти тарбияи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, инчунин, аз байн бурдани хушунат нисбат ба занону духтарон анҷом дода шудааст.

Дар соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, ба мисли ҳуқуқи маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва меҳнатӣ, вазъи ҳуқуқии падару модар, кӯдакон ва масъулияти онҳо танзим шудааст. Бояд таъкид намуд, ки падару модар дар баробари доштани ҳуқуқ ва имконият, ҳамчунин, вобаста ба таълиму тарбияи фарзанд масъул буда, дар ин самт уҳдадориҳои муайян доранд. Бо мақсади танзим ва мушаххас гардонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар вобаста ба таълиму тарбияи фарзандон соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардид, ки муҳлати зиёда аз 13 сол тавонист дар баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон нақши муҳим гузорад.

Бояд гуфт, ки дар оила зану мард баробарҳуқуқанд. Дар сурате ки дар оила амали зӯроварӣ ва дигар кирдорҳои номатлуб содир мешаванд, шахси содиркунанда, тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Вақте дар оила муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ пайдо мегарданд, ин масъалаҳо тариқи судӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шаванд.

Ҳамчунин, аз ҷониби фарзандон нигоҳубину ғамхорӣ намудани падару модар тибқи қисми дуюми моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим гардида, дар қисми 1 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» зикр шудааст, ки «Фарзанди болиғу қобили меҳнат уҳдадор аст, ки падару модари худро нигоҳубин ва онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намояд».

Ҳамин тариқ, Конститутсия, дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ бо ҷонибдорӣ аз фазои созандаву гуворо дар оила, таълиму тарбияи дурусти фарзандон, пешгирии ҳама гуна зӯроварию хушунат ва ба ин васила мусоидат ба ҷомеаи солим талаботи муҳимро муқаррар намуда, аъзои оиларо ба ҳамзистии осоишта ва зиндагии орому созанда раҳнамун месозанд. Риояи талаботи санадҳои мазкур ва эҳтироми онҳо вазифаи муқаддаси ҳар як аъзои оила аст.

**Баҳрулло ҒАЮРЗОДА,**
**мушовири калони Комиссияи МНМО ҶТ оид ба назорати дастур ва ташкили кор**

Агар хомӯш биншинӣ, гуноҳ аст

# СУДУ ЗИЁНИ ТЕЛЕФОНИ МОБИЛӢ

**Дар мусофирбар манзараеро мушоҳида кардаму дар ҳайрат мондам. Дохили автобус пур аз мусофир, аммо аксарият дар даст телефонҳои мобилӣ машғули бозию тамошои наворҳои гуногун буданд. Дар курсиҳои охир ҷавонону наврасон нишаста, гӯшҳояшонро бо садорасон (наушник) маҳкам карда, «дарс» тайёр мекарданд. Онҳо чунон ба телефонҳои худ банд буданд, ки болои сарашон рост истодани калонсолонро гӯё намедиданд. Яке калла ҷунбонда дар ҷояш рақс мекард, дигаре аз тамошои навори аҷиб завқ дошт, сеюмӣ бо асабоният «мошин» меронд.**

Танҳо духтари резапайкаре рост истода китоберо аз назар мегузаронд. Ба фикрам донишҷӯ буду дарсашро такрор менамуд. Ба ӯ офарин гуфтам. Вале ҳангоми истодани автобус дугонааш ба китфаш зада, «ҳе девона, мефуроем», - гуфт.

Мо дар давроне зиндагӣ мекунем, ки техникаю технология бо суръати баланд рушд кардааст ва ҳаёти имрӯзаро бе компютеру интернет ва телефон тасаввур кардан ғайриимкон аст. Албатта, рушди технологияи муосир, дар мисоли алоқаи мобилӣ, кори одамонро осон менамояд, вале фарҳанги нодурусти истифодаи он ба саломатӣ зараровар буда, оқибатҳои ногувор низ дорад. Набояд фаромӯш кард, ки тамошои баъзе наворҳо ба хислати рӯҳию маънавӣ ва фарҳангии ҷавонон низ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳоло тамоми идораю ташкилотҳо, таълимгоҳҳо ба компютер ва интернет таъминанд, вале на ҳама аз онҳо самаранок истифода мебаранд. Дар корхонаҳо бисёриҳо тамоми рӯз пушти компютер ба бозӣ ва тамошои наворҳои гуногун машғуланд. Дар кӯчаю хиёбонҳо, боғҳои истироҳатӣ, нақлиёти мусофирбар ҳама чашм сӯи телефон доранд. Ба ин сабаб, хоса баъзе ҷавонон, аз китобхонӣ дур шудаанд.

Чанде пеш дар як ҳафтанома мақолаеро таҳти унвони «Телефони ман – душмани ман» хондам. Дар он сухан роҷеъ ба шаклҳои нави киберҷосусӣ меравад, ки ошкору ниҳон ба ҳаёти рӯзмарраи шаҳрвандон мудохила мекунанд. Дар мақола, аз ҷумла қайд шудааст: «На танҳо истифодабарандагони айфонҳои APPI, ҳамчунин, ширкати Microsoft ҳадафи ҷосусии онҳо қарор гирифтаанд. Низоми оператсионии (СО) Windows 10 тамоми матни дар клавиатура чидаро ба баста ҷамъ оварда, ҳар соат ду маротиба ба серверҳои Microsoft интиқол медиҳад. Маълумоти геолакатсионӣ ва маълумоти шабакаи Wi-Fi низ ҳар ним соат фиристода мешавад. Ин имкон медиҳад дар куҷо будани истифодабар пайгирӣ шавад».

Мувофиқи маълумот, ҳоло дар саросари ҷаҳон беш аз 8 миллиард дастгоҳҳои мобилӣ истифода мешаванду беш аз нисфи аҳолии сайёра ба интернет дастрасӣ доранд. Ин маънои онро дорад, ки барои ҳар як корбар зиёда аз як дастгоҳ мавҷуд аст, ки доимо дар ҷайб, сумка ё ҳатто зери болишт ҷойгир аст. Олимони рус Коваленко, Е. Ю. Зингер, Е. О. Реховская дар мақолаашон «Таъсири телефонҳои мобилӣ ба инсон» аз ҷумла, таъкид мекунанд: «Телефони мобилӣ қодир аст мавҷҳои электромагнитиро паҳн намояд, ки онҳо ҳам ба органикӣ ва ҳам ғайриорганикӣ таъсири бад мерасонанд. Радиатсияи электромагнитии аз 1 МГс баландтар ба гармшавии бофтаҳо оварда мерасонад. Дар ин ҳолат вайроншавии сафедаҳо ба амал меояд. Аз ин сабаб, хатари ба саратон табдил ёфтани ҳуҷайраҳо, пайдоиши омосҳои бад ё тамоман нест шудани ҳуҷайраҳо вуҷуд дорад.

Бо пешрафти технология, истеҳсолкунандагони телефонҳои мобилӣ басомади онҳоро ба 1800-1900 МГс мерасонанд. Дар ин диапазон мавҷҳои электромагнитӣ қодиранд ба сар ворид шуда, ба майна ва дигар узвҳои инсон таъсири бад расонанд. Хатари вайрон шудани реҷаи муқаррарии хоб ва тағйирёбии марҳилаҳои рӯз низ ба таври назаррас меафзояд. Ҳатто дар ҳолати интизорӣ телефони мобилӣ қодир аст ба системаи марказии асаб таъсири бад расонад ва хобро нороҳат кунад».

Чӣ бояд кард, то зарари телефонҳои мобилӣ кам шавад ва бехатарии мову шумо таъмин? Олимон тавсия медиҳанд:

- телефонро дар ҷайб не, дар сумкаатон ҷой диҳед;

- дар хона ё ҷои кор бо телефони симӣ суҳбат кунед;



- одамоне, ки гирифтори бемориҳои хусусияти неврологӣ, гипертонӣ мебошанд, занони ҳомила ва кӯдакон бояд телефонҳои мобилиро истифода набаранд;

- ҳангоми истифодаи телефони мобилӣ давомнокии суҳбатро то 1-3 дақиқа кам кунед, танаффуси ҳадди ақал байни суҳбатҳо бояд 15-30 дақиқа бошанд. Вақти умумии суҳбатро бо телефони мобилӣ то 20-30 дақиқа дар як шабонарӯз маҳдуд кунед;

- дар биноҳои оҳану бетонӣ суҳбат бояд тавассути телефони мобилӣ дар назди тирезаи калон ё пешайвон сурат гирад;

- ҳангоми суҳбат дастгоҳи мобилии худро бо се ангушт дар қисми поён нигоҳ доред. Дар ҷараёни суҳбат мавқеи садоро (чап ва рост) иваз кунед;

- ҳангоми пайваст шудан бо муштарӣ телефони мобилиро назди сар нигоҳ надоред. Дар ин вақт қувваи баромади он ҳадди аксар аст;

- телефонҳои мобилии рақамиро, ки радиатсия аз онҳо хеле камтар аст, истифода намоед;

- дар хона телефони мобилиро на камтар аз 50 см аз худ дур нигоҳ доред, махсусан ҳангоми хоб.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 14 июни соли 2024 музоядаи № 39-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| № т/р | Номгӯй | Суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин (га) | Масоҳати умумии бино ва иншоот ($м^2$) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Ҳисор | шаҳри Ҳисор, кӯчаи И.Сомонӣ 6 | 0,05 | 255 | 4 221 254 |
| 2 | Мағозаи №4 | шаҳри Ҳисор, маҳаллаи 8 (ҶДММ «Евростандарт») | 0 | 100,3 | 236 207 |
| 3 | Мағозаи №1 | шаҳри Ҳисор, маҳаллаи 8 (ҶДММ «Евростандарт») | 0 | 434,4 | 920 711 |
| 4 | Мағозаи №2 | ш. Ҳисор, маҳаллаи 8 (ҶДММ «Евростандарт») | 0 | 161,4 | 380 097 |
| 5 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Душанбе | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко 115 | 0,1 | 200 | 3 427 704 |
| 6 | Бинои маркази таълими ронандагӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Испечак-1, М-1 | 0,02 | 162,3 | 611 546 |
| 7 | Заводи хурди хиштбарорӣ | шаҳри Ваҳдат, деҳаи Бӯстон «ҶДММ Диамант и К» | 0 | 0 | 693 822 |
| 8 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Ҳисор | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Ф. Абдуллоев 25 | 0,03 | 1688,9 | 7 004 782 |
| 9 | Бинои толори «Олами кӯдакон» | ш. Турсунзода, кӯчаи Чапаев | 0,33 | 3558,6 | 33 186 792 |
| 10 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Турсунзода | шаҳри Турсунзода, кӯчаи И.Сомонӣ 30а | 0,03 | 405 | 3 995 249 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.


**ЧИСТОТЕЛ** Гиёҳи навчидаи чистотел!

**Дардро таскин ва захмҳоро шифо мебахшад**

Малҳам барои:
- ҳама гуна варамҳои безарари пӯст, озах, папилломаҳо ва экземаҳо (малҳамро ба ҷои осебдида молед, 8-10 дақиқа истад);
- пучакҳо, панаритсийҳо (ним қошуқча малҳамро дар 100 мл об омехта, тампони докагиро ба он тар кунед ва дар ҷои бемор ба муддати 5-10 дақиқа гузоред);
- герпес, псориаз;
- гематома ва латҳо.

Бартарии малҳами (бальзам) ЧИСТОТЕЛ аз ЧИСТОТЕЛИ спиртӣ дар он аст, ки баъди истифода ягон доғ боқӣ намемонад.

**Истеҳсолкунанда – Федератсияи Россия**




Аз дорухонаҳои шаҳр пурсон шавед



**«ШИРЛАЙН»** дар 20 рӯз хароб мешавем!

Воситаи камназир барои тозаю мулоим намудани организм ва раҳоӣ аз вазни зиёдатист.
Таҳти пӯст ва рӯйро низ ҳамвор ва зебо мекунад.

ИСТЕЪМОЛИ БЕТАНАФФУСИ ОН ДАВОМИ 20 РӮЗ ШУМОРО ТО 5 КИЛО АЗ ВАЗНИ ЗИЁДАТӢ РАҲОӢ МЕБАХШАД.

(2 қошуқча дар 200 мл., дар 1 рӯз 1 бор саҳар,пеш аз хӯрок.)
Маҳсулот дорои сертификат аст.

Интихоби ман ШИРЛАЙН




Истеҳсолкунанда Россия.

АЗ ДОРУХОНАҲОИ ШАҲР ХАРИДОРӢ НАМОЕД!



**МУЖСКОЙ КОРЕНЬ – РАҲОӢ АЗ ПРОСТАТИТИ ШАДИД ВА АДЕНОМА!**

- ба беҳшавии гардиши хун, кушодаву рафъ шудани қарораҳо дар ғадуди простата мусоидат мекунад;
- ба пурра холӣ шудани пешобдон кумак расонида, аз зуд-зуд пешобкунӣ наҷот медиҳад;
- фаъолияти ҷинсии мардонро барқарор месозад.

ТАРЗИ ИСТЕЪМОЛ: РӮЗЕ ДУ БОР БА ТАГИ ЗАБОН 15-20 ЧАКРА.

ДАВОМНОКИИ ТАБОБАТ: 1 моҳ.
ШАКЛИ БАРОРИШ: шишача 50 мл.

**АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД.**




Телефон барои тамос: +992 000400071



**РАВШАНИИ ЧАШМОНИ ШУМО!**

Кӯдакатонро камбиноӣ азият медиҳад ё хирашавии чашмонатон шуморо ғамгин сохтааст?

**«Флавигран очанка»** барои бемориҳои гуногуни чашм, аз ҷумла шамолхӯрдагӣ, катаракта глаукома, миопия (наздикбинӣ ва дурбинӣ), ҳамчунин, захми қарнияи чашм ва ҳифз кардани он аз таъсири омилҳои беруна, муфид аст. Барои таъмин ва муътадил нигоҳ доштани рагҳои хунгарди чашм низ мусоидат мекунад.

**Таркиби дору:** муруди ҷангалӣ, зайтун, хуч, марҷумак, афшураи лимӯ ва сабзӣ. **Истеҳсол** – Федератсияи Россия.

**АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД.**




**Тарзи истеъмол:** 1 қошуқча доруро дар 100 мг об омехта, рӯзе се маротиба истеъмол намоед. **Давомнокӣ**: як моҳ. Баъд аз 6 моҳ ин табобатро такрор кардан мумкин аст.

Телефон барои тамос: +992 000400071


## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ №0064593, ки онро МТМУ №64-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2005 ба Джумаев Хайридин Сангинмуродович додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Варзоб 26-уми сентябри соли 2019 таҳти феҳрасти 7М-31 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти С. Айнӣ, деҳаи Бакавул ба Очилов Давлаталӣ Кличович ва Очилова Гулрӯй Кличовна додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи соҳибкорӣ ва Иқтибос бо РЯМ № 0130204883-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба Эмомализода Дилафруз Сайфуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Курганская (ҳоло Шукӯҳӣ), хонаи 61 ба Назаров Маҳмадӣ додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи С. Шерозӣ, бинои 37/1, хонаи 26 ба Ходжаев Фахрӣ Шарипович додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи хатми таҳсилоти асосӣ, ки онро МТМУ-и 95-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2005 ба Розиқова Мавлуда Каримовна додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи дуюми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 31-уми августи соли 1992 таҳти феҳрасти №9Д-3155 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 285, хонаи 24 ба Мирзоев Низомиддин Талбакович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Варзоб бо суроғаи ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Шодоб ба Сироҷов Умар Қамаридинович додааст, эътибор надорад.

✓Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи Д 91079, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2020 ба Ҳамидов Абдумуталиб Дилшодович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ЗI -1 № 803880, ки онро Техникуми политехникии шаҳри Душанбе соли 1985 таҳти қайди 14294 ба Тугайбаев Базарбай Даулетович додааст, эътибор надорад.

✓Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон соли 2020 ба Ашурова Сумая Абдухалимовна додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Роғун 18-уми августи соли 2010 ба Холиқов Саидмурод Кунгуротович (РМА 065015925, РЯМ 0630003440) додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи АБ №035300, ки онро МТМУ №50-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13-уми июни соли 1998 ба Джамалов Олим Абдусаторович додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, иқтибоси гумшуда аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва Рақами мушаххаси андозсупорандаи гумшуда, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод 19 декабри соли 2014 ба ҶДММ «Нур» (РМА 140006198, РЯМ 1410003430) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, иқтибоси гумшуда аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва Рақами мушаххаси андозсупорандаи гумшуда, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод 11- уми июли соли 2016 ба ҶДММ «Саноат-2016» (РМА 140006560, РЯМ 1410003779) додааст, эътибор надоранд.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, деҳаи Теппаи Самарқандӣ ба Хайрулоев Қурбоналӣ Абдураҳимович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓Шаҳрванд Эмомализода Дилафруз Сайфуллоевна, ки дорои Шаҳодатномаи соҳибкорӣ ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи соҳибкорони инфиродӣ бо РЯМ 0130204883 буда, Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

✓ҶДММ «Энерг» (РМА 380004737, РЯМ 3810001021), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон 12-уми марти соли 2008 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Кормандони Маркази интиқоли мавҷҳои радиоӣ ва телевизионии рақами 3-и ВМКБ ба директори генералии ҶСК «Телерадиоком»-и ҷумҳурӣ Файзидин Хайридинзод бинобар вафоти**

**ПАДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.**

# ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ ТАҚХ «ФУРӮЗ»

## Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст

### ҲИСОБОТ ОИД БА ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ

| Бо ҳисоби сомонӣ | Эзоҳҳо | Дар санаи 31 декабри соли 2023 | Дар санаи 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо | 8 | **4,266,834** | 16,914,965 |
| Воситаҳо дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 9 | - | 1,020,240 |
| Қарзҳои ба мизоҷон пешниҳодшуда | 10 | **105,236,396** | 76,086,029 |
| Дороиҳо барои фурӯш пешниҳодшуда | 11 | - | 91,630 |
| Воситаҳои асосӣ | 12 | **3,467,332** | 1,328,008 |
| Дороиҳои дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 13 | **1,616,383** | 1,677,839 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 14 | **378,600** | 399,996 |
| Дороиҳои андози бамавқуфгузошта | | **248,844** | 1,527 |
| Дороиҳои дигар | 15 | **31,685,704** | 15,639,969 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **146,900,093** | 113,160,203 |
| **УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| **Уҳдадориҳо** | | | |
| Амонатҳои мизоҷон | 16 | **11,024,283** | 4,173,202 |
| Қарзҳо барои пардохт | 17 | **106,013,098** | 85,855,024 |
| Қарзҳои субординарӣ | 18 | **6,978,625** | 6,534,220 |
| Уҳдадориҳо оид ба иҷора | 13 | **1,957,009** | 1,903,794 |
| Уҳдадориҳои ҷорӣ аз рӯи андоз аз даромад | | **141,352** | - |
| Уҳдадориҳои дигар | 19 | **1,117,288** | 1,030,453 |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО** | | **127,231,655** | 99,496,693 |
| **Сармоя** | | | |
| Сармояи саҳомӣ | 20 | **13,916,738** | 7,882,813 |
| Барзиёдии сармоя | 20 | **667,553** | 2,207,148 |
| Захираҳои умумӣ | | **2,104,472** | 1,804,472 |
| Захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | | **231,879** | 261,778 |
| Фоидаи ҷамъшуда | | **2,747,796** | 1 507 299 |
| **ҲАМАГӢ САРМОЯ** | | **19,668,438** | 13 663 510 |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | **146,900,093** | 113 160 203 |

Ханс Иоахим Йекле
Директор

FURUZ 01

Хисориев Шоди
Сармуҳосиб

### ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДҲОИ МАҶМӮӢ

| Бо ҳисоби сомонӣ | Эзоҳҳо | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ бо усули фоизи самарабахш хисобкардашуда | 21 | **33,739,512** | 25,520,612 |
| Хароҷотҳои фоизӣ ва хароҷотҳои ба он монанд | 21 | **(16,341,624)** | (12,076,892) |
| **ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ** | | **17,397,888** | 13,443,720 |
| Даромадҳои комиссионӣ | 22 | **1,128,641** | 895,161 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 22 | **(726,730)** | (494,404) |
| **ДАРОМАДИ СОФИ КОМИССИОНӢ** | | **401,911** | 400,757 |
| Ташаккулёбии захираҳо таҳти бекурбшавии дороиҳо | | **(1,083,568)** | (818,614) |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 24 | **(198,210)** | (59,934) |
| Даромадҳои дигар | 25 | **148,610** | 43,279 |
| **ДАРОМАДҲОИ СОФИ АМАЛИЁТӢ** | | **16,666,631** | 13,009,208 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 26 | **(13,251,922)** | (10,484,843) |
| **ФОИДА ТО АНДОЗБАНДӢ** | | **3,414,709** | 2,524,365 |
| Андоз аз фоида | 27 | **(666,913)** | (1,017,066) |
| **ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ** | | **2,747,796** | 1,507,299 |
| ДАРОМАДҲОИ ДИГАРИ МАҶМӮИИ СОЛОНА | | - | - |
| **ҲАМАГӢ ДАРОМАДИ МАҶМӮӢ** | | **2,747,796** | 1,507,299 |

Ханс Иоахим Йекле
Директор

FURUZ 01

Хисориев Шоди
Сармуҳосиб


Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03, 93-458-65-69; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76, 92-771-76-72, 93-535-06-66; ШНТҶ - 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 15 майи соли 2024, соати 14:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35055 нусха*

Навбатдори шумора Ф. Файзалиева

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97